# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Бобокалонова Рано Норбаевна дар мавзӯи «Хусусиёти луғавию семантикии услуби «Таърихи Ҳумоюн»- и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Таҳқиқи масъалаҳои хусусиёти луғавию семантикии услуб ва тобишҳои маъноии вожаҳои осори шоирону нависандагон яке аз масъалаҳои муҳими забоншиносии тоҷик ва дар маҷмӯъ эроншиносии муосир мебошад.

Таҳқиқи осори адибону олимон барои муайяну равшан кардани роҳи инкишофи забони адабӣ аҳамияти муҳим дорад. Осори мансури “Таърихи Ҳумоюн”-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ дорои таркиби луғавии пурғановат буда, маҳсули эҷодии охири садаи XIX – ибтидои асри XX маҳсуб меёбад ва ин осор дар рушди забони адабии тоҷикӣ дар ин давр нақши муайяне гузоштааст.

Бо назардошти ин, пажӯҳиши дақиқи хусусиёти луғавию семантикии услуби “Таърихи Ҳумоюн”-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ барои омӯзиши вижагиҳои жанри тасвири ҷуғрофиёии забони тоҷикӣ дар охири садаи XIX – ибтидои асри XX мусоидат менамояд ва аз тарафи дигар матни асар ҳамчун маводи арзишманди забоншиносӣ дар таҳқиқи таърихи ташаккул, таҳавввул ва рушди забони адабӣ ва услуби он хеле муҳим аст.

Муҳаққиқ дар рисолаи хеш мақсад ва вазифаҳои илмӣ гузошта, бо истифода аз усулҳои илмии таҳлили муқоисавӣ, усули ҳамзамониву (синхронӣ) таърихӣ (диахронӣ), хусусиёти луғавию семантикии услуби “Таърихи Ҳумоюн”-и Муҳаммадсодиқи Гулшаниро таҳлилу баррасӣ намуда, баъзан бо осори адибони дигар муқоиса намудааст. Унвонҷӯ аз маводи фаровони илмӣ - тадқиқотӣ, аз манобеъ ва сарчашмаҳои муътамади илмӣ - назариявӣ, фарҳангу луғатҳои тафсирӣ, бавижа аз “Таърихи Ҳумоюн”-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ ва аз таҳқиқотҳои олимони ватанию хориҷӣ истифода кардааст.

Навгонии рисола дар он ифода мегардад, ки бори нахуст дар забоншиносии тоҷик вижагиҳои луғавию семантикии услуби “Таърихи Ҳумоюн”-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Ҳамзамон, тавре аз автореферат бармеояд, аҳамияти амалии рисолаи номзадӣ аз он иборат аст, ки тавассути таҳқиқу баррасии осори манзуми Манучеҳрӣ марбут ба вижагиҳои луғавӣ ва маъноии забони адабии тоҷикии замони шоир, бахусус роҷеъ ба қабатҳои луғавии сематикии

забони тоҷикии он давра маълумоти зарурӣ ҷамъоварӣ гардида, хулосаҳои илмии бадастомадаро дар таълифи китобҳои дарсии таърихи забони адабии тоҷикӣ, инчунин дар таҳияи фарҳангу дастурҳо метавон истифода кард.

Дар автореферати диссертатсияи Бобокалонова Р. Н. мулоҳизоту хулосаҳои унвонҷӯ боварибахш ва бо далелҳои муътамад исбот карда шудаанд. Муаллиф тавонистааст дар раванди таҳқиқи рисола аз далелҳои илмӣ ва маводи забонӣ оид ба вижагиҳои луғавию семантикӣ ва маъноии забони адабии тоҷикии замони Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ истифода бурда, нуқтаҳои назари худро бо мисолҳои мушаххас исбот намояд.

Сохтори автореферати диссертатсия комил ва илмӣ буда, дониши мукаммали забоншиносӣ доштани муҳаққиқ эҳсос мегардад. Дар баробари таҳлили вижагиҳои луғавию семантикии услуби "Таърихи Ҳумоюн"-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ, ақидаҳои назариявии худи муҳаққиқ мавҷуд аст, ки ҷанбаи муҳими тадқиқоти илмӣ мебошад.

Аз шиносоӣ бо автореферати рисолаи номзадии диссертант бармеояд, ки муҳаққиқ дар тӯли заҳмати чандсолааш маводи фаровони забониро аз осори Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ оид ба хусиёти луғавию семантикӣ, таркиби луғавӣ ва тобишҳои маъноии вожаҳои осори шоир ҷамъоварӣ намуда, онҳоро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Дар автореферати диссертатсия оид ба топонимияи(ҷойномҳои) Осиёи Марказӣ оварда шудааст, ки бархе аз онҳо дар номҳои маҳал ва луғатномаҳо сабт нагардидаанд, аз ин хотир ин маводи луғавӣ барои таҳияи луғати калимаҳои марбут ба топония ва микротопонияи минтақа аҳамияти муҳими илмӣ ва амалӣ дорад.

Маводе, ки дар рисола мавриди таҳлили қабатҳои гуногуни лексикӣ тарҳрезӣ шудааст, дорои арзиши илмӣ буда, нафақат барои тадқиқоти вижагиҳои луғавӣ ва семантикии забони адабии тоҷикии замони Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ, балки ғанигардонии минбаъдаи лексикаи забони тоҷикӣ кумаки босазое хоҳад кард.

Дар фишурдаи рисола(автореферат) дар баробари муваффақиятҳо баъзе камбудиву нуқсонҳо низ ба назар мерасанд, аз ҷумла:

1. Дар автореферати диссертатсия(саҳ. 17 банди 3) ва шояд дар матни диссертатсия низ ҳангоми таснифи ойконимҳо ба гурӯҳҳои мансубияти забонӣ номҳои ҷуғрофии Қумгузар ва Қошиқтарошро туркӣ-ӯзбекӣ маънидод гардидаанд, ки саҳеҳ нест. Қисмати аввали ин гурӯҳи номҳои ҷуғрофӣ туркӣ-ӯзбекӣ ва қисмати дуюми онҳо тоҷикианд. Вобаста ба ин, ҷойномҳои мазкур бояд ба гурӯҳи алоҳидаи калимоти туркӣ-ӯзбекӣ ва тоҷикӣ ҷудо карда мешуданд.

2. Ҳамчунин дар автореферати рисола дар саҳифаи 18 (матни русӣ) ба ҷойи калимаи “маҳалла” вожаи “маҷалла” омадааст, Дар матни тоҷикӣ номи давлат-Аморати Бухоро, калимаи аморат дар аввал бо ҳарфи худ омадааст, ки ин хато аз замони давлатдории Шӯравӣ то имрӯз идома дорад. Ҳамзамон дар феҳристи адабиёти истифодашуда баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба мақсад мувофиқ аст.

Новобаста ба камбудиҳои ҷузъии зикргардида рисолаи диссертатсионии Бобокалонова Р. Н. дар мавзӯи «Хусусиёти луғавию семантикии услуби «Таърихи Ҳумоюн»- и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ»» кори анҷомёфта буда, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рисолаҳои номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология ҷавобгӯ мебошад.

Фишурдаи рисолаи номзадӣ (автореферат) мухтавои асосии рисоларо инъикос намуда, ба стандартҳое, ки нисбат ба авторефератҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология татбиқ мешавад, мувофиқат мекунад ва унвонҷӯ Бобокалонова Рано Норбаевна ба гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Ходими пешбари илмии Пажуҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Ализода Баҳриддини Пирмуҳаммад

Тел.: (+992) 918 18 97 26
E-mail b.p.alizoda63@mail.ru

Имзоро тасдиқ мекунам, сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси ДИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Каримов Исмоил Ибрагимович

РАЁСАТИ КАДРҲО, КОРГУЗОРИ ВА КОРҲОИ МАХСУС

07.10.2019.